**Тақриз**

**ба рисола ва автореферати номзадии Садбарги Исо дар мавзуи «Таҷрибаи таърихии муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (илмҳои таърих)**

Бояд зикр кард, ки рисола ва автореферати он ба масъалаи таърихи муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1991) ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Муаллиф дар асоси таҳлил, таҳқиқ ва баррасии маводҳои мавҷудаи илмӣ ва бойгонӣ рисоларо роҳандозӣ намуда фикру андешаҳои худро такя ба нишондодҳои таҳқиқот, мушоҳидаҳо ва суҳбатҳо мувофиқи мақсад, вазифаҳо ва фарзияву қазияҳо пешниҳод кардашуда арзёбӣ намудааст, ки онҳо ба нақшаи кории рисола мувофиқат мекунанд.

Муҳиммияти мавзуи рисолаи мо он аст, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалае мавриди таҳқиқ дода шудааст, ки боиси пешравии минтақа гашта, мунҷар ба болоравии сатҳи зиндагии ин минтақа шуда буд, омӯзиши ин таҷриба, яъне муҳоҷиркунӣ ва бунёди иншоотҳои ирригатсионӣ, яъне обёрӣ ва пойгоҳҳои обкаш барои татбиқи ин таҷриба дар дигар манотиқи кишвар, ки аз сатҳи оби дарёҳо дар иртифои муносиб қарор доранд муфид арзёбӣ мешавад.

Ин мавзуъ боз ба хотири он муҳим аст, ки дар қарни ҷадид пас аз рӯйи кор омадани ҳукумати ҷадид ва тағйири шеваи кор дар соҳаи хоҷагии қишлоқ, аз ҷумла азхуд намудани заминҳои пештара истифодагардида, муҳоҷират ба ноҳияҳои пахтакори соҳиби замини корамдошта, сохтмони ирригатсионӣ бо дастовардҳои прогресси илму техника мусоидат мекунад, ки ба афзоиши минбаъдаи беҳбудии халқ дар мадди аввал меистад.

Ҳамаи гуфтаҳои боло мубрамияти мавзӯи диссертатсионии интихобшударо асоснок карда, арзиши илмӣ ва моҳияти амалии онро тасдиқ менамоянд.

Муҳаққиқ мақсади таҳқиқот, объекти таҳқиқот, предмети таҳқиқот ва фарзияи таҳқиқотро дуруст муайян намуда, дар асоси онҳо вазифаҳои таҳқиқотро пешниҳод кардааст.

Навоварии илмии кори таҳқиқоти муҳақиқ дар он ифода меёбад, ки дар он бори аввал ҷамъбасти муфассал, ҳаматарафа ва мунтазами таърихнигории омӯзиши таърихи муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби Тоҷикистон дар солҳои 1924-1991 анҷом дода шудааст.

Дар ин замина бори аввал дар илми таърихи ватанӣ масъалаҳои зерин, мавзуи диссертатсия, амалан нахустин кори илмии махсус, дар таърихнигории ватанӣ бахшида ба таърихи муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар минтақаҳои Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, марҳалаҳои асосии тадқиқот оиди таърихи муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби Тоҷикистон дар солҳои 1924-1991, таърих ва самтҳои асосии таърихи муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби Тоҷикистон, дар солҳои шуравӣ, дар тадқиқот маълумоти сарчашмаҳои нодир доир ба таърихи муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби Тоҷикистон истифода шудаанд, комёбиҳои назарраси таҳқиқоти таърихи муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби Тоҷикистон, лаҳзаҳои норавшан ва камтаҳқиқшудаи таърихи муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби Тоҷикистон мукаммалтар таҳқиқ шуда, хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ барои таҳқиқу омӯзиши минбаъдаи мавзуи мазкур пешниҳод шудаанд, дар рисола дар пояи ақидаҳо ва андешаҳои консептуалии муҳаққиқони маъруф саҳми муҳоҷиркунонӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар

вилояти Кӯлоби Тоҷикистон дар ташаккул ва рушди иқтисодии Тоҷикистон асоснок карда шудааст.

Рисола аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар охири ҳар як боби рисола хулосаи мантиқии маводи илмии таҳлилу баррасишуда ҷамъбаст карда шудааст. Хулосаи умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшуда ба мақсаду вазифаҳои таҳрезишуда мувофиқат менамоянд.

Мазмуни автореферат ва маводҳои нашршуда ба мазмуни рисолаи таҳқиқотӣ мувофиқат менамояд.

Бояд зикр намуд, ки забон ва услуби баёни маводҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бо меъёри забони адабии тоҷикӣ ҷавобгӯ мебошад.

Кори таҳқиқотии мазкур аз мавқеи муҳимият, ҷиҳати масъалагузорӣ ва баррасию баёни андеша ниҳоят бою ғанӣ, фаҳмо, раво ва устокорона иҷро карда шудааст.

Мехостам, чанд сухан оиди сифатҳои муҳаққиқӣ, касбӣ ва шахсии шогирд сухан гӯям. Садбарги Исо дар ҳайси омӯзгори кафедраи таърихи халқи тоҷик фаъолият бурда, дар давоми фаъолияти педагогиаш соҳиби таҷрибаи хуби омӯзгорӣ гардидааст. Дар давраи фаъолияташ дар ҳайси унвонҷӯи кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ "ДДБ ба номи Носири Хусрав" Садбарги Исо ба таҳқиқоти илмиаш муносибати хеле масъулона ва ҷиддӣ зоҳир намуда, сифатҳои назарраси суботкорӣ, эҷодкорӣ, сермасъулиятӣ, мустақилиятнокӣ, қобилият ва истеъдоди хуби таҳқиқотиро нишон дод. Дар ин давра аз тарафи ӯ бо баробари бурдани таҳқиқоти назариявию таҷрибавӣ, ба навиштан, таҳия ва чоп кардани мақолаҳои илмӣ, омода намудани маърӯзаю баромадҳо дар конференсияҳои илмӣ ва семинарҳои кафедра эътибори ҷиддӣ дода мешуд. Натиҷаи ин муносибат буд, ки аз тарафи ӯ дар асоси маводҳои таҳқиқотиаш 18 мақола дар нашрияҳои илмӣ чоп гардиданд, ки 6-тои он

дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгашта нашр гардидаанд. Дар асоси гуфтаҳои болоӣ, ба хулоса омадан мумкин аст, ки Садбарги Исо ҳамчун муҳаққиқи фаъол, эҷодкор, мустақил, кордон ва соҳибкасб ташаккул ёфтааст ва чун омӯзгор дорои сифатҳои хуби касбӣ-педагогӣ, чун шахсият соҳиби ахлоқи баланди ҳамида буда, дар байни аҳли ҷомеаи устодон ва донишҷӯён соҳиби обрӯю эътибор гаштааст.

Рисолаи илмии Садбарги Исо дар мавзуи «Таҷрибаи таърихии муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (илмҳои таърих) ба ҳимоя намудан тавсия карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои таърих, профессор,
мудири кафедраи таърихи умумии
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав: Алимов Давлаталӣ Халилович

12.10. 2024 с.

Суроға: 734051, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Бохтар, кучаи Айнӣ, 67.
Тел. мобилӣ + (992) 919-36-35-44.
E-mail: adavlatali @mail.ru

Имзои Алимов Д.Х.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори ШК ва корҳои махсус
ДДБ ба номи Носири Хусрав Исозода Тоҷиддин Исо

12.10. 2024 с.